**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
Ибодуллозода А. И. ___________
«27» августи соли 2024 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба рисолаи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи номзадии Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии муосир ва соҳаи камтаҳқиқшудаи забоншиносии тоҷик – одоби муҳоварат, ки қисми таркибии фарҳанги муошират аст, бахшида шудааст. Муҳтавои кори диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пурра мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Ҳусни баён, одоби муошират, одоби муҳоварат категорияҳое мебошанд, ки раванди мураккаб ва гуногунҷанбаи ба роҳ мондан ва густариш додани иртиботи байни одамон ва гурӯҳҳоро дар ҷомеа муайян намуда, омузиши амиқи онҳо имконият медиҳад, ки омилҳои асосии ба роҳ мондани муоширати дуруст муайян карда шаванд.

Унвонҷӯ Файзова Таҳмина дар заминаи омӯзишу таҳлили асарҳои назарии донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои назариявию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи таҳқиқшавандаро дар асоси усулҳои муосири забоншиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Назар ба ақидаи муаллифи диссертатсия, дар давраи Истиқлолият назари олимон ба меъёрҳои арзишҳои илмӣ, мазмуну мундариҷаи онҳо тағйир ёфта, соҳаҳои нави илм ба вуҷуд омаданд, ки дурнамои минбаъдаи таҳқиқотро дар соҳаи забоншиносӣ низ ба вуҷуд овардаанд. Олимони тоҷик дар асоси дастовардҳои илмии мактабу марказҳои пешбари илмӣ дар рушди самтҳои нави фанҳои бунёдӣ ва амалӣ саҳм гузошта истодаанд. Дар ин замина солҳои охир мавзуи одоби муошират ва ҷанбаи муҳими он – одоби муҳоварат дар таҳқиқоти забоншиносӣ мавқеи устувор пайдо карда, таваҷҷуҳи беандоза ба он босуръат идома дорад. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки таҳқиқи одоби муҳоварат, ки доираи васеи қолабҳои устувори муоширатро бо вазифаю маъноҳои махсус ва робитаи шарикони коммуникативӣ, роҳу усулҳои иртиботи онҳо, асноҳои муошират ва муносибатҳои иҷтимоии шарикон фаро мегирад, бешубҳа, ба забони тоҷикӣ низ алоқаманд аст.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ**, пеш аз ҳама, аз вазъияти муосири сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ки хусусиятҳои асосии онҳоро муайянкунанда баланд шудани сатҳи худшиносии миллӣ, дигаргуниҳои муайяни арзишҳо ва тамоюлҳои ахлоқӣ, рӯй овардан ба арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳар як халқ мебошад. Дар заминаи осори бадеии нависандаи маъруфи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев сурат гирифтани таҳқиқот арзишу муҳимияти онро афзун мегардонад, зеро ба эҷодиёти адиби мазкур самти инсондустӣ ва тарбияи хислатҳои наҷибу волои инсонӣ хос аст.

Муҳаққиқ дар консепсияи бадеии нависанда ба ҳам алоқамандии зич доштани тамоюлҳои ҷаҳонбинии фарҳангҳои мухталифро зикр карда, қайд менамояд, ки ин хусусият дар аксари асарҳои Ф. Муҳаммадиев мушоҳида мегардад. Ин омилҳоро ба назар гирифта, диссертант таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои семантикию коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат, муайян кардани хусусиятҳои хоси забони асарҳои адибро ҳамчун инъикоскунандаи меъёрҳои забонии одоби муошират асри XX зарур ва муҳим арзёбӣ мекунад.

Асосу бунёди назарӣ ва методологии диссертатсияи мазкурро таълифоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба монанди А.А. Акишина, Н.И. Формановская, В.Е. Костомаров, Л.А. Введенская, А. Вежбитская, В.Е. Голдин, В.И. Карасик, Ю.Н. Караулов, Г.Е. Крейдлин, Л.П. Крисин, О.А. Луцева, И.А. Стернин, Б. Камолиддинов, М.Р. Ҷӯраева ва дигарон ташкил

медиҳад, ки муҳаққиқ дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз онҳо мавридшиносона истифода бурдааст.

Қобили тазаккур аст, ки дар забоншиносии тоҷик як қатор таҳқиқоти арзишманд ба миён омадаанд, ки дар онҳо аз ҷониби забоншиносон М. Ҷӯраева ва Б.Бобоҷонова ба паҳлуҳои гуногуни одоби муоширaт ва одоби муҳоварат, категорияҳои хушмуомилагию эҳтиром равшанӣ андохтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки дар диссертатсияи мазкур бори нахуст воҳидҳои одоби муҳоварат дар заминаи матнҳои бадеии инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони асри XX, ки осори бадеии Ф.Муҳаммадиев намунаи олии онҳост, мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Мавридҳои истифодаи воҳидҳои одоби муҳоварат вобаста ба омилҳои иҷтимоӣ, синнусолӣ, гендерӣ, инчунин имкониятҳои воситаҳои гуногуни муошираTи ғайризабонӣ муқаррар карда шуда, аз ҷиҳати сохторӣ, маъноӣ ва услубӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки он дар рушди минбаъдаи коркарди ҷанбаҳои назариявии одоби муҳоварат саҳм мегузорад ва ин имконият медиҳад, ки дар забоншиносии тоҷик рушди устувори лингвистикаи коммуникативӣ ҳамчун соҳаи махсус идома ёбад. Ин имконият медиҳад, ки усули мазкур дар омӯзиши эҷодиёти нависандагон ҳангоми ба система ворид намудани мавод истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар таълими одоби муҳоварати тоҷикӣ, ҳамчунин дар таълими забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни хориҷӣ кӯмак хоҳанд кард. Аҳамияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷа ва маводи он дар луғатнигорӣ (лексикография) ҳангоми тартиб додани луғатҳои муаллифӣ, луғатҳои семантикӣ ва маълумотномаҳои жанрҳои одоби муҳоварат, муҳоварахо, дар мактабҳои олӣ дар курсҳои «Одоби муҳоварат», «Ҳусни баён», «Услубшиносӣ», дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар ташаккули малакаҳои одоби муошираTи хонандагон ба дарки амиқи забони модарии онҳо ва инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мусоидат карда метавонад. Таълими ҳусни баён дар асоси беҳтарин намунаҳои осори адабӣ на танҳо ба рушди эстетикӣ ва фарҳангӣ, балки ба ташаккули дастурҳои ахлоқӣ мусоидат карда метавонад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба талаботи низомнома ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодҳо, феҳрасти осори таҳқиқии мавриди истифодаи унвонҷӯ қарорёфта ва рӯйхати ихтисораҳо иборат буда, 173 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ – мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, предмет ва объекти таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, усулҳо, сарчашма ва навгонии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои назариявии одоби муҳоварат»** ном дошта, аз шаш фасл иборат мебошад. Боби мазкур фарогири маълумоти муфассал дар атрофи маънои истилоҳии одоби муҳоварат, зарурати омӯзиши он, робитаи одоби муҳоварат бо илмҳои дигар мебошад. Дар фаслҳои боби мазкур унвонҷӯ намудҳои муоширатро дар иртибот бо консепсияҳои хушмуомилагии лингвистӣ, ҷанбаҳои иҷтимоию лингвистии одоби муҳоварат ва масъалаҳои одоби муҳоварат дар таҳқиқоти лингвистӣ мавриди баррасӣ қарор дода, семантикаи хушмуомилагӣ ва эҳтиромро дар асарҳои Ф.Муҳаммадиев ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки "Хушмуомилагии забонӣ яке аз категорияҳои марказии прагматикаи лингвистӣ ба шумор рафта, ба сатҳи муносибатҳои шарикони коммуникативӣ иртибот дорад. Категорияи хушмуомилагӣ танзимгари рафтору гуфтор буда, риояи принсипҳои он ба шарикони коммуникативӣ имкон медиҳад, ки ҳадафҳои гузоштаашонро амалӣ намоянд. Хушмуомилагӣ ва зоҳир кардани он нисбат ба ҳамсуҳбат заминаҳои асосии меъёри одоби муоширатро ташкил медиҳад. Муқоисаи он бо воситаи асосии муошират инсон – забон имкон медиҳад, ки на танҳо одоби нутқ, балки худи забон низ амиқтар дарк карда шавад." (саҳ. 21-22).

Яке аз мавзуъҳое, ки дар боби мазкур ба он диққати хос сурат гирифтааст, хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии одоби муҳоварати тоҷикӣ мебошад.

Муаллиф ба хулосае меояд, ки ҳангоми баррасии воҳидҳои одоби муҳоварат ба назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии меъёрҳои муошират хеле муҳим аст, зеро дар одоби муҳоварати ҳар як халқҳ дар мавзуъ ва воситаҳои муошират, хусусиятҳои истифодаи имову ишора дар асноҳои гуногуни нутқ, дараҷаи наздикӣ ҳангоми суҳбат, оҳанги баланд ва ҳиссии нутқ тафовутҳои зиёд мавҷуданд. Масалан, агар нутқи боэҳсос ва

овози баланд, имову ишораи зуд-зуд дар миёни як гурӯҳи халқҳо падидаи маъмулӣ бошад, аз ҷониби мардумони дигар метавонад ҳамчун таҳқир шарҳ дода шавад. Муҳаққиқ дар сурати вайрон кардани меъёрҳои муоширати хоси ин ё он мардум ногузир будани «зарбаи фарҳангӣ»-ро таъкид менамояд.

Боби дуюми диссертатсия **Воҳидҳои мурочиат дар системаи одоби муҳоварат”** унвон дошта, фарогири се фасл мебошад. Боби мазкур ба масъалаҳои пайдоиш ва корбасти шаклҳои мурочиат дар забони тоҷикӣ, вижагиҳои истифодаи мухотаб ва қонуниятҳои истифодаи ҷонишинҳои шахсӣ дар осори Ф.Муҳаммадиев бахшида шуда, яке аз бобҳои муҳими диссертатсия мебошад, зеро, назар ба андешаи худи муҳаққиқ, дар байни тамоми воҳидҳои одоби муҳоварат воҳидҳои мурочиат мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Воҳиди асосии мурочиат – мухотаб дар нутқ ҳангоми ба роҳ мондани иртибот бо ҳамсуҳбат воситаи маъмултарин аст, зеро қабл аз ягон маълумотро пурсидан ё ба амале водор кардан диққати шунавандаро бо ном ва ё унвони муносиб ҷалб кардан лозим аст. Гӯянда ҳангоми интихоби мухотаби мувофиқ синну сол, ҷинсият, мавқеъ ва нақши иҷтимоӣ, муносибатҳои равонӣ ва шахсии адресат, яъне шунавандаро дар ҷамъият ҳатман ба назар мегирад ва дар рафти суҳбат низ барои нигоҳ доштани иртибот онҳоро истифода мебарад. Аз ин рӯ, гӯянда дар мавридҳои гуногун як шахсро бо мухотабҳои гуногун ном бурда метавонад.

Файзова Таҳмина ба сифати воҳидҳои мурочиат кор фармуда шудани миқдори зиёди калимаҳо, тамоми шаклҳои исмҳои хоси одамон, тахаллусу лақабҳо, аслу насаб, нақшҳои иҷтимоӣ ва амсоли инҳоро қайд намуда, ба сифати намуна аз асарҳои Ф. Муҳаммадиев далелҳои бамаврид меорад.

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои услубии гурӯҳҳои асноӣ-мавзуии одоби муҳоварат»** номгузорӣ шуда, ҳашт фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб унвонҷӯ меъёри гурӯҳбандии воҳидҳои одоби муҳоварат ва мавқеи иҷтимоии шариконни коммуникативӣро дар одоби муҳоварат муайян намуда, гуруҳҳои маъмултарини воҳидҳои одоби муҳоваратро дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин замина воҳидҳои ифодакунандаи пазироӣ ва шиносоӣ, воҳидҳои ифодакунандаи хайрухуш, воҳидҳои ифодакунандаи хоҳишу дархост, воҳидҳои ифодакунандаи миннатдорӣ, воҳидҳои ифодакунандаи узрхоҳӣ, воҳидҳои ифодакунандаи тавсифро бо мисолҳои фаровони асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев таҳлил карда, хулосаҳои хуби илмӣ баровардааст.

Дар боби мазкур унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки одоби нутқи инсон падидаи мураккаб буда, бо махсусиятҳои тарбия, макони ба дунё омадан ва таҳсили субъект, бо муҳите, ки ӯ, одатан, дар он муошират мекунад, бо тамоми хусусиятҳое, ки ба ӯ ҳамчун шахсият, намояндаи гурӯҳи иҷтимоӣ ва ҷомеаи миллӣ хос аст, алоқаманд мебошад. Одоби нутқи сокинони шаҳру деҳот, одамони дорои маълумоти олӣ, коргару деҳқон, хурду калон ва амсоли инҳо аз ҳамдигар тафовут дошта метавонанд.

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари муаллифи диссертатсия, одоби муҳоварат як соҳаи васеи қолабҳои устувори муошират мебошад, ки аз ҷониби ҷомеа бо мақсади ба роҳ мондани алоқаи шифоҳӣ байни шарикони коммуникативӣ таъйин шудаанд. Ӯ дар байни одоби муҳоварат ва категорияи хушмуомилагӣ мавҷуд будани робитаи ногусастаниро таъкид менамояд, яъне хушмуомилагӣ ва изҳори он нисбат ба ҳамсуҳбат асоси меъёрҳои одоби муоширатро ташкил медиҳад. Риояи ин меъёрҳо зуҳуроти чунин хислатҳоро, ба монанди эҳтиром, таҳаммулпазирӣ, илтифот, хайрхоҳӣ, худдорӣ, фурӯтанӣ дар бар мегирад.

Муаллиф ҳарчанд дар интиҳои ҳар боб хулосабарорӣ карда бошад ҳам, дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои назарраси таҳқиқи мавриди назарро дар сездаҳ банд ҷамъбаст кардааст, ки ин аз нуктасанҷӣ ва дақиқназарии ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Диссертасияи Файзова Таҳмина дар мавзуи “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” ба яке аз мавзуҳои муҳимтарини забоншиносии муосир бахшида шуда, унвонҷӯ аз уҳдаи таҳлилу таҳқиқи он ба хубӣ баромадааст. Мавсуф бо такя ба андешаҳои олимону муҳаққиқони соҳа оид ба ҷанбаҳои гуногуни одоби муҳоварат ва иртиботи он бо категорияи хушмуомилагӣ ва эҳтиром ақидаҳои хешро иброз дошта, хулосаҳои амиқи илмӣ баровардааст, ки барои тавсеа ва рушди минбаъдаи лингвистикаи коммуникативӣ дар забоншиносии тоҷик аҳаммияти калони илмиро доро мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионии Файзова Таҳмина мисли ҳама гуна таҳқиқоти бунёдӣ, навоварона ва муҳими илмӣ баъзе эроду саволҳоро ба миён меорад, ки омӯзиши амиқтари онҳо дар оянда метавонад ба такмили кор мусоидат намояд:

1. Ба назари мо, агар боби якум “Асосҳои назариявии одоби муҳоварат дар таҳқиқоти забоншиносӣ” номгузорӣ мешуд, моҳияти масъалаҳои дар он баррасишаванда дақиқтар ифода меёфтанд.
2. Дар боби аввали диссертатсия, ки бештар хусусияти назариявӣ дорад, доир ба мафҳуми “эҳтиром” низ, ки, ба назари мо, бо одоби муҳоварат алоқамандии бевосита дорад, маълумот додан лозим буд.
3. Дар баъзе мавридҳо ҳангоми истифодаи истилоҳот гуногунрангӣ ба назар мерасад. Интихоби истилоҳоти ягона ба мақсад мувофиқ мебуд.
4. Дар баъзе саҳифаҳо такрори андеша ба назар мерасад, ки ислоҳашон услуби баёни муаллифро боз ҳам комилтар хоҳад кард.
5. Кори илмӣ дар дараҷаи хуби илмӣ таҳия гардидааст, аммо дар баъзе саҳифаҳо норасоиҳои услубӣ, тасҳеҳӣ, имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба назар расиданд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба моҳияти баланди илмии диссертатсия таъсир расонида наметавонанд. Онҳоро зимни нашри монография ислоҳ кардан мумкин аст.

Диссертатсияи Файзова Таҳмина таҳти унвони “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, масъалаҳои пешниҳодшуда дар он ҳалли худро ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Диссертатсияи Файзова Таҳмина дар мавзуи “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” таҳқиқоти пурра баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31, 32 – 35 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи асосии онро инъикос менамоянд.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти қабулшуда, махсусан бандҳои 76, 77, 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”– 10 нафар, “зид”–нест, “бетараф”– нест.
Суратҷаласаи №1 аз 26 августи соли 2024.

РАИСИ ҶАЛАСА:
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария
ва амалияи забоншиносии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Шерализода А.Ш.

ЭКСПЕРТ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ Раҳмонов Б.Н.

**Котиби илмии ҷаласа:**
Доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси филология, муаллими калони
кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ Валиев Ҷ. А.

Имзоҳои А. Ш. Шерализода, Б.Н. Раҳмонов
ва Ҷ. А. Валиев-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.
«27» августи соли 2024

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: +992 37 224-13-83
Сомона: www.tgpu.tj
E-mail: info@tgpu.tj